Ба Шурои диссертатсионии **6D.КОА-016**-и
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,
E-mail: olimov-1976@mail.ru,

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Назарзода Алишер Сафар дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст.**

Соҳаи кишоварзӣ ҳамчун бахши асосии хоҷагии халқи мамлакат дар ҳамаи давру замон майдони озмоишҳои муҳими соҳаҳои рушди босуботи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, он аз имконият, восита ва омилҳои зиёд бархӯрдор мебошад. Чунки соҳаи саноатро ба ашёи хоми кишоварзӣ ва аҳолиро ба маҳсулоти ватанӣ таъмин менамояд. Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, Ҳукумати Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ баҳри таъмини амнияти озуқаворӣислоҳоти заруриро дар бахши аграрии кишвар роҳандозӣ намуд. Комплекси агросаноатӣ ва рушди соҳаи саноат яке аз соҳаҳои афзалиятнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он ба шумор рафта, омили асосии рушди иҷтимою иқтисодии минтақаҳои кӯҳӣ мебошад.

Ислоҳоти муҳими соҳа аз иқдоми дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба тақсими 75 ҳазор гектар заминҳои кишоварзӣ ба аҳолии деҳот оғоз меёбад. Маҳз иқдоми мазкур дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ имкон дод, ки масъалаи таъмин намудани

аҳолии кишвар бо маҳсулоти ғизоӣ давра ба давра дар сатҳи зарури ҳалли худро ёбад.

Муаллиф иброз намудааст, ки "Механизми рушди устувори ҳудудҳои кишоварзии минтақаҳои ҷумҳурӣ дар ҳолате ноил мегардад, ки агар дар давраи дарозмӯҳлат дар ягонагӣ ва алоқамандӣ роҳҳои такророистеҳсолии истеҳсолӣ, иқтидор, захираҳои инсонӣ ва муҳити табиат муайян карда шуда, ҳамаи омилҳо ва шароитҳои зиёди ба устувории соҳаи кишоварзӣ таъсиррасони берунӣ ва дарунӣ ба инобат гирифта шаванд.

Қобили тазаккур мебошад, ки натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳад,ки муаллиф усулҳои мушаххаси илмиро дар ҷараёни кор истифода бурдааст. Инчунин муқарраротн илмӣ ва тавсияҳои амалии кори таҳқиқотии таҳияшуда имкон медиҳанд, ки дар сатҳи нисбатан илмӣ ва методӣ, муаммоҳои механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор ҳалли ҳамаҷонибаи худро ёбанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуда, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ироа гардидаанд.

Дар баробари бартариятҳо дар авторефератн диссертатсия, инчунин камбудию норасоӣ низ дида мешавад.

- хуб мебуд, ки агар муаллиф механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити хавфҳои тиҷоратӣ маврид баррасӣ қарор медод.

Эродҳои гуфташуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионии муаллифро коҳиш намедиҳад ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кор қайд карда шудаанд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки авторферати диссертатсияи Назарзода А.С. дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор» барои

дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниход шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

**Такриздиҳанда:**

Муовини ректор оид ба илм
ва робитаҳои байналмилалии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон, д.и.и., дотсент — Шаропов Ф.Р.

Имзои д.и.и., дотсент Ф.Р. Шароповро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон — Пирзода С.С.